**“Тасдиқ менамоям”**
**Ректори ДДТТ д.и.т., профессор**
**____________Назарзода Х.Х.**
**26 сентябри соли 2025**

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Диссертатсияи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск – менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)”, дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна 21 сентябри соли 1978 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2000 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит, бо дипломи аъло хатм (ТСИ 001912, рақами қайд 192, аз 02.07.2000с.) намудааст.

Аз соли 2000 то ба имрӯз дар Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва молия (2000-2005), муаллими калон (2005-2012), н.и.и., муаллими калон (2012-2015), мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит (2016-2021), н.и.и., дотсент (2021-2023). Аз 01.09.2023 то инҷониб муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит.

Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна бори аввал 28 январи соли 2012 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии ДМ 737.013.01 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар мавзӯи “Организационно-экономические основы механизма риск-менеджмента торговых предприятий (на примере Согдийской области Республики Таджикистан)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Экономика и управление народным хозяйством: экономика предпринимательства, таҳти роҳбарии д.и.и., профессор Раҷабов Р.К. рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Пас аз ҳимояи бомуваффақият соли 2012 дипломи номзади илмҳои иқтисодро гирифт (серияи ДКН №157503, фармони Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия аз 23 июли 2012 № 492/нк-1).

Пас аз даҳ соли дифоъ, муассисони Диссернет 11 январи соли 2022 дархост доданд, ки Шарипова М. Н. аз унвони номзади илмҳои иктисодӣ маҳрум карда шавад.

Шарипова М.Н. аз дархости Диссернет оид ба маҳрум намудани худ аз унвони номзади илмҳои иқтисодӣ то лаҳзаи баромадани фармони Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия хабар надошт.

Ҳамин тавр мавзуи нави диссертатсияи Шарипова М.Н. бо Қарори Шурои олимони ДИС ДДТТ аз 26.10.2021сол, протоколи №3 тасдиқ гардид.

Мавзуи қаблии Шарипова М.Н. "Организационно-экономические основы механизма риск-менеджмента торговых предприятий (на примере Согдийской области Республики Таджикистан)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.05 – Экономика и управление народным хозяйством: экономика предпринимательства,** мавзуи нав "Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск – менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ)

**Роҳбари илмӣ:** н.и.и., дотсент Машокиров Ҷамшед Неъматуллоевич, муовини ректор оид ба илм ва муносибатҳои байналмилалии донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Аз соли 2021 унвонҷӯи кафедраи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мебошад.

Имтиҳонҳои минимуми номзадии зерин супорида шудаанд: забони англисӣ бо баҳои 5 (аъло), шаҳодатномаи №319 аз 27.02.2008, дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 5 (аъло), шаҳодатномаи №3 аз.11.06.2024, дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯи ихтисос бо баҳои 5 (аъло), шаҳодатномаи № 630 аз 17.06.2025 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 25 сентябри соли 2025 диссертатсия Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск – менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Аз рӯи натиҷаи баррасии диссертатсияи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна «Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск – менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)» хулосаи зерин бароварда шуд:

**1. Баҳодиҳии кори анҷомдодашуда.** Тадқиқоти диссертатсионии Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна «Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск – менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)» таҳлили ҳамаҷонибаи илмии масъалаҳои ташаккул ва рушди низоми риск–менеҷмент дар соҳаи савдои чакана мебошад. Мубрамияти мавзуи диссертатсия зарурати таҳия ва татбиқи равишҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки назариявӣ ва методологии омилҳои пайдоиш ва идоракунии риск, мавқеи он дар низоми муносибатҳои тиҷоратӣ, арзёбии онро дар шароити кунунии иқтисодӣ муайян мекунад. Диссертатсия аз ҷиҳати мантиқӣ ва сохтории навишти корҳои илмӣ пурра таҳияшуда тавсиф мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки он як таҳқиқоти пурра ва ҳамаҷонибаи илмиро ифода менамояд. Дар натиҷаи

тадқиқот ба мақсади гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои мураттабгардида ҳалли худро ёфтаанд, дастгоҳи методологӣ таҳия гардида, натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои амалии таҳияшуда асоснок карда шуданд.

**2. Иштироки шахсии диссертант дар ба даст овардани натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда** аз инҳо иборат аст:

- дар интихоби мустақил ва асосноккунии мавзӯъ, тартиб додани нақша, таҳияи ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот;
- дар таҳияи принсипҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана ва асосноккунии мавқеи он дар низоми рушди муносибатҳои бозорӣ;
- дар таҳқиқи аҳамияти иҷтимоӣ - иқтисодии савдои чакана, моҳияти риски савдо ва намудҳои он;
- дар омӯзиши раванди ташакулёбии низоми риск-менеҷмент ва таҷрибаи татбиқи он дар соҳаи савдои чакана;
- дар таҳлили ҳолати савдои чакана ва арзёбии омилҳои ташаккули риск дар савдои чаканаи вилояти Суғд;
- дар коркарди стратегия ва интихоби самти такомулдиҳии низоми риск-менеҷменти корхонаҳои савдои чакана дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ;

**3. Эътимоднокӣ ва асоснокии** натиҷаҳоро дурустии принсипҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин истифодаи усулҳо ва тартиби ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳое, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои зикршуда мувофиқанд, тасдиқ мекунанд.

Диссертатсияи пешниҳодшуда ба таҳияи таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷии дорои хусусияти назариявӣ, методологӣ ва методӣ дар соҳаи савдои чакана ва иқтисоди минтақавӣ асос ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар асоси маълумотҳои эмперикӣ ва оморӣ, ки дар маводҳои таҳлилии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати он дар вилояти Суғд нашр шудаанд, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, баррасӣ ва маводҳоии таҳлилии ташкилотҳои таълимӣ ва илмии ватанию хориҷӣ, инчунин маводи маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмӣ.

Базаи методологии тадқиқотро усулҳои системавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, таҳлили иқтисодӣ-математикӣ ва оморӣ, моделсозии иқтисодӣ-математикӣ дар бар мегирад. Унвонҷуй воситаҳои гурӯҳбандӣ ва умумӣ, усулҳои банақшагирии барномавӣ-мақсаднок ва пешгӯиро фаъолона истифода бурдааст. Дар диссертатсия маводи ҷадвалӣ ва графикӣ ба таври васеъ пешниҳод шудааст, ки барои визуализатсияи маълумоти аслӣ ва ҳисобкардашуда истифода шудааст.

**4. Навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ** дар амиқсозии асосҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ доир ба такомулдиҳии механизми риск-менеҷменти корхонаҳои савдои чакана дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, ки ба таъмини самаранокии фаъолияти ин субъектон нигаронида шудааст, иборат мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини дорои унсурҳои навоварӣ инҳоянд:

✓ Таърифи "савдои чакана", намудҳои он, хусусият, мавқеъ ва самараи иҷтимоию иқтисодӣ, моҳияти "риски савдо", таснифи он вобаста аз амалиётҳои савдои чакана, омилҳои пайдоиш, сабаб ва оқибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва инчунин усулҳои микдорию сифатии арзёбӣ аниқ сохта шуд;

✓ Марҳилаҳои ташаккулёбии низоми идоракунии риск аз М-1 то М-5, алгоритми амали риск-менеҷмент ва ҳамчунин сохтори механизми он дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар фаъолияти корхонаҳои савдои чакана асоснок карда шуд;

✓ Вазъи корхонаҳои савдои чаканаи вилояти Суғд арзёбӣ гардида, хусусият, манбаҳои пайдоиши гардиши молӣ, сатҳи рушд ва мавзеи эҳтимолияти бештари пайдоиши риск дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои Р1-Р7 бо истифода аз усули таҳлили экспертӣ ва арзёбии интегралии натиҷаҳои он муайян карда шуд, ки он дар мавзеи Р 1.1 (бо 11,40 хол) ва Р 1.2 (бо 8,16 хол) қарор дорад;

✓ Стратегияи ташаккули низоми риск-менеҷмент вобаста аз усулҳои ташаккулдиҳии он ва сатҳи таъсиррасонии омилҳои пайдоиши риск дар корхонаҳои савдои чакана аниқ карда, механизми оптималии риск-менеҷмент интихоб, сохтор ва марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва самтҳои асосии такомулдиҳии он аниқ сохта шуд.

**5. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни диссертатсия ва навигарии илмии он ба шиносномаи тахассусии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мувофиқат мекунад.

**6. Аҳамияти назариявии** натиҷаҳои тадқиқот аз таҳияи муқаррароти асосии назариявии ташаккул ва татбиқи усулҳои идоракунии риск, аз ҷумла аз нуқтаи назари дастгоҳи консептуалии назарияи сохторӣ, муайян намудан ва таҳлили омилҳои ташаккулдиҳандаи риск ва такмили низоми идоракуниии он дар корхонаҳои савдои чакана, воситаҳои илмию методии арзёбии сатҳи риск, инчунин механизм ва методологияи арзёбӣ ва татбиқи низоми риск-менеҷмент дар корхонаҳои савдои чакана иборат аст.

**7. Аҳамияти амалии тадқиқот.** Татбиқи тавсияҳои дар диссертатсия таҳияшуда оид ба ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чаканаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва рушди онҳо мусоидат мекунад. Ҳамчунин, онҳо дар таҳия ва татбиқи стратегияҳои баланд бардоштани самаранокии механизми риск-менеҷменти соҳаи савдои чакана тавассути ташаккули низомҳои оптималии идоракунии риск истифода хоҳанд шуд.

Умуман, татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада имкони ташкили низоми оқилонаи арзёбӣ ва механизми идоракунии риск ва омилҳои ташаккули онҳоро дар савдои чакана ҳангоми банақшагирӣ, пешгӯӣ, таҳлил, назорат, таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ бо мақсади баланд бардоштани

самаранокии ташкили раванди фаъолияти савдои чаканаро пешниҳод менамояд.

**8. Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Олӣ оид ба масъалаҳои таъмини рушди устувори соҳаи савдо, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, инчунин татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст

**9. Апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот.** Натиҷаҳои асосӣ ва нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳамасолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доиргашта, ироа гардидаанд. Нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза карда шудааст. Бештари мақолаҳои довталаб дар маводи конференсияҳои илмию амалии ДИС ДДТТ рӯйи чоп омадаанд.

**10. Татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ.** Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, барои татбиқ дар фаъолияти амалии Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинги МИҲД-и вилояти Суғд (маълумотнома дар бораи татбиқ № 237 аз 13.06.2025) истифода бурда мешавад. Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия дар раванди омӯзиши фанҳои «Идоракунии риск дар корхонаҳо» "Идоракунии лоиҳаҳо", «Иқтисодиёти савдо», «Менеҷменти молиявӣ», «Идоракунии зидди бӯҳронӣ», «Асосҳои фаъолияти тиҷоратӣ», «Таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо», дар раванди таълими ДИСДДТТ (маълумотнома дар бораи татбиқ №482 аз 11.06. 2025) истифода бурда мешаванд.

**11. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақола (дар ҳаҷми 6,2 ҷ.ч.) аз инҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

*А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:*

[1-М]. Усулҳои методии таҳияи низоми идоракунии риск дар корхонаҳои савдои чакана [Матн] / Машокиров Ҷ.Н., Шарипова М.Н. //Паёми ДДТТ. - Душанбе, 2025. - №2 (57) – С.212-216

[2-М]. Ташаккули низоми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана [Матн] / М.Н. Шарипова //Паёми ДДТТ. - Душанбе, 2025. - №1 (55) – С.464-470

[3-М]. Арзёбии ҳолати муосири рушди савдои чакана дар вилояти Суғд [Матн] / Ш.М. Норматова, М.Н. Шарипова //Паёми ДДТТ. – Душанбе, 2024. - №3 (53) - С.254-259

[4-А]. Экономическая значимость розничной торговли в развитии национальной экономики [Текст] / М.Н. Шарипова //Вестник ТГУК. - Душанбе, 2022. - №2 (42) – С.326-332

[5-А]. Теоретические вопросы формирования системы управления рисками в сфере торговли [Текст] /М.Н. Шарипова // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2020.- №1 - С.125-130.

[6-А]. Особенности системы риск - менеджмента в сфере торговли [Текст] / М.Н Шарипова. //Ученые записки ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова.” Еественные и экономические науки. (сб.ст.). – Худжанд, 2017. - № 4(43) – С.160-164

***Б) Нашрҳо дар дигар маҷаллаҳо:***

[7-М]. Шарипова М.Н. Нақш ва мавқеи савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ [Матн] / М.Н. Шарипова ДИСДДТТ конференсияи донишкадавии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи илми тоҷик таҳти унвони “Иқтисодиёти сабз-муҳаррики рушди устувори иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои истифодабарии самараноки захираҳо” Хуҷанд, 2025 С. 125-130

[8-А]. Шарипова М.Н. Концептуальные проблемы защиты прав потребителей при дистанционной продажи товаров посредством сети интернет [Текст] / М.Н. Шарипова Донишкадаи иқтисод ва савдо, конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Конститутсия кафили ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд” бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Соли маърифати ҳуқуқӣ”. 04.11. Хуҷанд, 2024 С.216-220

[9-М]. Шарипова М.Н. Шаклҳои муосири савдои чакана дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / М.Н. Шарипова ДДТТ конференсияи байналмиллалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир” 27-28.12.2024 с.360-364

[10-А]. Шарипова М.Н. Риски в сфере торговли [Текст] / М.Н. Шарипова //Вестник ТГУК. - Душанбе, 2013. - №3 – С.51-54

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Маърӯзаи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна, баромади роҳбари илмӣ н.и.и., дотсент Машокиров Ҷ.Н., баромади муқарризон д.и.и., дотсент Зубайдов С., н.и.и., дотсент Исматуллоев И.У., н.и.и., дотсент Мухторзода

С.С., баромади доктороне илмҳои иқтисодӣ, профессорон Толибзода Қ.Қ., Саидова М.Ҳ. ва Ҷабборов А.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Алимов К. ба инобат гирифта шавад.

Диссертатсияи Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск–менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) кори илмии тахассусии банҷомрасида ҳисобида шавад, ки ба тамоми талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Қарори ҷаласаи кафедра тасдиқ карда шавад ва кори диссертатсионии Шарипова Мавзуна Нарзиллоевна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди низоми риск–менеҷмент дар соҳаи савдои чакана (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10 – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-12 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои гузаронидани расмиёти минбаъда оид ба ҳимояи диссертатсияи номзадӣ тавсия дода шавад.

2. Хулоса дар ҷаласаи навбатии кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025 бо протоколи № 2 қабул шудааст.

**Раис:**
Мудири кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон н.и.и., дотсент — Алимов К.К.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ — Хоҷазода Д.Х.

**Имзоҳоро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон — Пирзода С.С.